# Бодиринг

## Таҳлили бодиринг  ҳамчун маҳсулоти содиротӣ



Номи илмӣ — ***Cucumis sativus*** L.

Бузургтарин истеҳсолкунандагон — Чин, Руссия

Бузургтарин Содиротчиён ба Руссия — Чин, Эрон

Бузургтарин Воридотчиён — ИМА, Германия

## Мундарича


**Маълумоти умумӣ ........................................................................................................ 2**

Хусусиятҳои афзоиш ва ҳосилдиҳӣ ........................................................................ 2

Мавсими пухтарасии  бодиринг дар ноҳияҳои вилояти Хатлон ............................... 2

Навъҳои бештар паҳнгардидаи бодиринг ..................................................................... 3

**Назари оморӣ .............................................................................................................. 4**

Истеҳсоли бодиринг дар вилояти Хатлон ............................................................. 4

Нархи бодиринг дар Тоҷикистон ................................................................................. 4

Истеҳсоли бодиринг дар ҷаҳон ..................................................................................... 4

Содироти бодиринг ба Руссия ........................ ........................................................ 5

Воридоти бодиринг ба кишварҳои ҷаҳон................................................................. 6

**Раванди тайёр намудани бодиринг  барои содирот .................................................. 8**

Муҳлати ҷамъоварии бодиринг .................................................................................. 7

Нигоҳдории бодиринг ..................................................................................................... 8

Баста бандӣ ..................................................................................................................... 10

**Талаботи стандарти  ЕЭК ООН FFV-09  барои бодиринг ............................................ 11**

**Хусусиятҳои барасмиятдарории гӯмрукии бодиринг**.................................................. 13

## Маълумоти умумӣ

Бодиринг сабзавотӣ яксолаи буттагӣ аст, ки, дар қатори зироатҳои кадугӣ буда, ба оилаи полезиҳо мансуб аст. Дар фарқият аз хешовандони наздики худ тарбуз ва харбуза, ки баъди пухтарасӣ болазат мешаванд, бодиринг то зардшавӣ, яъне то пӯхта расидан қимати ғизоии баланд дорад. Ягона сабзавотест, ки дар ғизо ҳангоми нопурра пухтан истифода мешавад.

Меваи бодиринг аз 94-96 % об ва 4-6 % моддаҳои хушк иборат аст. Моддаҳои хушки мева аз 2 % қанд (глюкоза ва фруктоза), 0,6-1 % сафеда ва 0,5-0,7 % клетчатка иборат аст. Таркиби мева аз калий бой буда, инчунин дар он фосфор, сулфур, магний ва як қатор микроэлементҳо мавҷуданд. Дорои витаминҳои C, B1, B2, E, B9 ва B5 провитамини A мебошад. Ҳамаи витаминҳо бештар дар пусти мева ҷойгиранд. Мавҷудияти миқдори зиёди витаминҳо ва маъданҳо дар меваи бодиринг, барои ба иштиҳо овардан, беҳкардани ҳазмшавии ғизо, паст кардани миқдори қанд дар хун мусоидат менамояд. Бодиринги дар ҳавои кушод парваришёфта, аз витаминҳо, нисбати бодиринги дар гармхона парваришёфта бойтар аст.

Бодирингро дар шакли тару тоза, намакоб ва дар сирко истифода мебаранд. Ғизонокии 100 г бодиринг — 14 ккал.

### Хусусиятҳои афзоиш ва ҳосилдиҳӣ

Парвариши бодиринг аҳамияти калони иқтисодӣ дорад, чунки бодиринг давраи кӯтоҳи нашъунамо (40-60 рӯз) дошта, имконият аст, ки бо истифода аз гармхонаҳо дар ҳама ҷой ва тамоми сол парвариш карда шавад. Бодиринг зироатест, ки гармӣ ва намиро дӯст медорад. Ҳарорати мусоид барои нешзании тухмӣ 18 -25°C, барои нашъунамо 20 -27°C мебошад. Барои хуб сабзидани бодиринг 85-90 фоиз намии ҳаво ва 75-85 фоиз намии хок мусоид аст.

Мувофиқи дараҷаи пӯхтарасӣ бодирингро ба тезпазак (чидани ҳосил баъди 38-45 рӯзи пайдоиши майсаҳо), барвақтӣ (46-50 рӯз), миёнапазак (51-56 рӯз) ва дерӣ (баъди 56 рӯз) ҷудо менамоянд. Бодирингро ҳам дар замини кушод ва ҳам дар гармхона парвариш кардан мумкин аст

**Мавсими пухтарасии бодиринг дар ноҳияҳои вилояти Хатлон**



**Навъҳои бодиринг**

| Навъ | Расм | Хусусиятҳои хоси навъ |
|---|---|---|
| ***Суперина*** |  | Дурагаи партенокарпии пешпазак барои майдони кушод. Мутоқибати баланд ба ҳарорати баланди ҳаво. Дарозии мева 12-14 см, вазни мева 140 грамм. Конусшакл, ҳамвор, сабзи ҷилодор. Ба касали гардзанӣ устувор. Давраи пӯхтарасӣ 40 рӯз. |
| ***Орзу*** |  | Дурагаи партенокарпии пешпазак, барои истифода дар намуди тару тоза. Дар як банд 3-4 мева мебандад, ки баъди чидан боз меваҳои нав пайдо мешаванд. Меваҳо нисбатан кӯтоҳ (12-15 см) буи хоси бодиринг дорад, хеле болаззат, ранги сабзи баланд дорад. Ҳам дар майдони кушод ва ҳам дар гармхона кишт карда мешавад. Ба касалии гарзанӣ ва гардзании қалбакӣ устувор. |
| **Наврӯз** |  | Партенокарпӣ, барои хӯриш ва консервакунонӣ. Барои парвариш дар гармхона. Бади 47 – 49 рӯзи майсабарорӣ ба ҳосил медарояд. Зироати индерминанталӣ, баланқомат, шохабарорӣ миёна. Меваҳо конусшакл, ҳамворЮ сабз, каме қирадор. Вазни меваҳо 120-130 г, дарозӣ 12-15 см, қутур 3,5-4,0 см. Сифати мева ҳам дар намуди тару тоза ва ҳам дар намуди консервакардашуда аъло. Ҳосилнокии меваи моли 16-17 кг/м$^2$. |
| **Пекалино Ғ1** |  | Истеҳсоли Enza Zaden. Дурагаи миёнапаз, партенокарпӣ, барои хӯриш. Растании индетерминантӣ, шохабанди миёна. Меваҳо кӯтоҳ, силиндрӣ, сабзи торик, ҳамвор, каме қирадор. Вазни мева 100-120 грамм. Мазза аъло. Ҳосилнокии моли 16,8 кг/м$^{2.}$ |
| Конкурент |  | Навъи барвақтӣ, бо занбур гардолудшаванда.. Давраи пухта расидани меваҳо 50 рӯз баъди шинонидан. Ранги мева сабзи торик, қирадор ва бо хорҳои хурд пӯшонида шудаанд, шакли силиндрӣ доранд. Вазни мева 90-125 гр. Дарозӣ то 12 см. Дар гармхона ва майдони кушод хуб нашъунамо мекунад. |
| 'Сюрприз 66 F1' | | Дурагаи барвақтӣ. Парвариш дар гармхона. Ба ҳосилдарои дар рӯзҳои 92 -95 баъди майсабарорӣ. Гардолудшавӣ тавассути замбури асал. Ҳосили молӣ 12,9 кг/м2. Андоза 14-18 см, дурагаи барвақтӣ. Барои истеъмол дар намуди тару тоза тавсия мешавад. Нисбатан ба касалии гардзанӣ устувор. Маззаи меваҳои тару тоза хеле хуб. |
| **Манул** |  | Дурагаи миёнапаз, гардолудшавӣ тавасути замбури асал, барои истеъмол дар намуди тару тоза. Парвариш дар гармхона. Меваҳо силиндрӣ, дарозиашон 15 – 22 см. Ба ҳосилдарой 59 – 62 рӯз баъди майсабарорӣ. Вазнаш 155 -229 грамм, мазааш хуб, ҳосилнокии маҳсулоти молӣ 26,5 -34,7 кг/м2. Маҳсулоти молӣ 89,9 – 95,4%. Растани бештар гулҳои модина дорад, бинобар ин ақалан 10 -15 % навъи дар як вақт гулкунанда лозим аст. |

## Назари оморӣ

**Ҳосили умумии бодиринг дар вилояти Хатлон, тонна**

| 2019 | 2020 |
|---|---|
| 149739,4 | 173715,9 |

**Истеҳсоли бодиринг дар ноҳиҳои вилояти Хатлон, тонна**




**Нархи бодиринг дар бозорҳои Тоҷикистон соли 2019, кг/сомони**







**Истеҳсоли бодиринг дар кишварҳои ҷаҳон , ҳазор т**

**Истехсиол ба 1 нафар аҳолӣ, кг**




**Ҳосилнокии бодиринг дар кишварҳои ҷаҳон, т/га**




**Кишварҳои асосии содироткунандаи бодиринг ба Руссия дар соли 2018,** *ҳазор, т*



**Содироти бодиринг ба Русссия аз кишварҳои ҷаҳон январ - октябри соли 2019,** *сад. тонна*




**Кишварҳои асосии воридоткунандаи бодиринг дар соли 2016, ҳазор т**




**Ҳиссаи кишварҳои асоссии воридоткунандаи бодиринг дар соли 2016, %**



**Мавсимияти воридоти бодиринг ба кишвари Руссия, соли 2017, %**






## Раванди тайёр намудани бодиринг барои содирот

**Кай бояд ҳосилро ҷамъоварӣ намуд**

Бо назардошти мақсади ҷамъоварии ҳосил, бодирингро дар давраи гуногуни афзоиш ҷамъоварӣ менамоянд. Барои истифода дар намуди тару тоза меваҳои андозаи аз 10 см боло доштаро интихоб менамоянд. Барои консервакунонӣ меваҳои хурд 8 – 10 см мувофиқанд. Набояд аз хотир баровард, ки ба андозаи мева хусусиятҳои навъ, усули парвариш, таркиби хок ва сифати обмонӣ таъсир мерасонад.

**Усули дурусти ҷамъоварии ҳосили бодиринг**

Палаки бодиринг вобаста ба навъ ва мӯҳлати кишт баъди 42-45 рӯзи сабзиш ба ҳосилбандӣ сар мекунад. Бодирингро дар аввал баъди ҳар 2-3 рӯз, дар давраи саросар ҳосилбандӣ бошад, як рӯз пас мечинанд. Субҳи барвақт ва бегоҳии дер барои чидани ҳосили бодиринг хело ҳам мувофиқанд. Дар ин вақт меваҳо зери таъсири намнокии баланд чандир мегарданд. Зарурат нест, ки меваро бо ангуштон зер карда канда гирифта шавад, беҳтар аст, бо ин мақсад корд ё қайчи истифода гардад. Дар ин вақт бояд дар мева як қисми думчаи он боқӣ монанд. Бо мақсади зарар нарасонидан ба зироат ва решаи он, ҳангоми ҷамъоварии ҳосил кушиш бояд кард, ки ба кашидан, кандан, тоб додани шохаҳои бодиринг роҳ дода нашавад.Меваҳои ҷамъоваришуда бояд аз шамол ва офтоб ҳифз шаванд. Беҳтар аст, ки меваҳо баробари чидан ба ҷои нисбатан салқин фиристонда шаванд ё бо матоъ пӯшонида шаванд.





**Чи қадар зуд зуд бояд бодиринг чида шавад**

Ба ҷамъоварии ҳосил вақте оғоз кардан лозим аст, ки онҳо андозаи лозимиро вобаста аз мақсади ҷамъоварӣ гирифтаанд: барои консервирование 8-10 см, барои дар намакоб хобонидан аз 8 то 18 см, барои хуриш аз 12 см боло. Дар давраи авҷи ҳосилдиҳи меваҳоро набояд дертар аз 2 рӯз чид, дар акси ҳол онҳо ранги зардро ба худ мегиранд ва ба калон шудани меваҳои дигар монеъ мешаванд. Беҳтар аст, дар ин давра тезтар ҷамъоварӣ гарданд. Ғайр аз ин меваҳои шакли вайрондошта ва захмдоршударо чида аз майдон баровардан лозим аст.

Вобаста ба зудии ҷамъоварии ҳосил имконият аст, ки гуногунии меваҳо батанзим даровarда шавад. Ҳангоми тез тез чидан бисётар меваҳое, инкишоф меёбанд, ки барои консерватсия мувофиқанд, ҳангоми дер дер чидан меваҳои инкишоф меёбанд, ки бештар барои дар намакоб хобонидан ва хуриш тайёр кардан лозиманд. Танҳо баъди фарорасии сармо ҳамаи меваҳоро бояд баробар чид, аз ҷумла меваҳое, ки бешакланд ҷамъоварӣ гардида, баъдан аз майдон дур карда мешаванд.

## Нигоҳдории бодиринг

Барои нигоҳдорӣ бояд бодирингҳои тару тоза, тоза ва хушк, бе захм ва пӯстғафсро бояд интихоб кард.

**Шароит барои нигоҳдории бодиринг**

Бе ягон чорабинии иловагӣ бодирингро метавонад 5 – 7 рӯз нигоҳ дошт. Вале бояд як чанд қоидаро риоя кард:

- Бодирингҳо бояд тару тоза бошанд. Аз қатор чида шаванд ва ҳамон лаҳза дар яхдон гӯзошта шаванд. Чи қадаре, ки онҳо дар ҳавои гарм монанд, ҳамон қадар дар яхдон камтар нигоҳ доштанашон мумкин аст.
- Бодирингҳо бояд тару тоза ва хушк бошанд. Агар ба бодирингҳо пораи хоку лой афтода бошад ё онҳо тар бошанд, ин хел меваҳо дер нигоҳ дошта намешаванд, лой ва намӣ шароити беҳтарин аст, барои авҷ гирифтани пӯсиш.
- Бодирингҳо бояд пурра бошанд. Захми ночиз ҳам боис мегардад, ки бодирингҳо тез пӯсанд.

- Бодирингҳо бояд пӯсти ғафс дошта бошанд. Меваҳои пӯсттунукро дароз нигоҳ доштан ғайри имкон аст. Ҳамчун қоида бодирингҳои барвақтӣ дар намуди тару тоза истифода мегарданд. Бодирингҳои пӯстғафс дароз нигоҳ дошта мешаванд.

**Мӯҳлати нигоҳдории бодиринг**

Бодирингҳои тару тоза ҳамаги 3-4 рӯз нигоҳ дошта мешаванд. Бодиринҳои пӯстғафс бошанд қариб як ҳафта. Вале усулҳое ҳастанд, ки ин гуна бодирингҳоро метавон дар намуди тару тоза то 250 рӯз нигоҳ дошт.

**Ҳарорати нигоҳдории бодирингҳо**

Ҳарорати мусоид барои нигоҳдории меваи бодиринг  аз 0°С то +4°С. Дар ин шароит меваҳаро то 28 рӯз нигоҳ лоштан имкон дорад. Ҳангоми ҳарорати аз  +5°С то +8°С бодирингро то як ҳафта имконияти нигоҳдорӣ аст. Вақте ки ҳарорати ҳаво то  +10°С мерасад мӯҳлати нигоҳдории бодиринг то 4 рӯз кам мегардад.

*Мӯҳлати нигоҳдории бодиринг вобаста аз ҳарорат (бе тағир додани намӣ)*

| t, ºС | Вақти нигоҳдорӣ, соат | t, ºС | Вақти нигоҳдорӣ, соат |
|---|---|---|---|
| 20 | 8 | 4-6 | 72 |
| 8-10 | 24 | 0 | 48 |

*Мӯҳлати нигоҳдории бодиринҳои гармхонагӣ*

| Усули чойдиҳӣ | Ҳарорати нигоҳдорӣ, ºС | Вақтӣ нигоҳдорӣ, шабонарӯз |
|---|---|---|
| Зарфи кӯшода | 9 | 5-10 |
| Борбеч аз плёнка | 12-14 | 10-15 |
| Дар халтаҳо | 12-14 | 15-20 |
| Муҳити танзимшавандаи газӣ ($O_2$ 3-5%, $CO_2$ (5-6%) | 12-14 | 30-35 |

**Усулҳои нигоҳдории бодиринг**

| Усул | Расм | Тасниф |
|---|---|---|
| **Дар халта** |  | Бодирингҳоро дар сачоқи қоғазӣ печонида – ҳар як меваро дар алоҳидагӣ, баъдан онҳоро дар халтаи полиэтеленӣ ҷой дода, дар яхдон гӯзоред. Қоғазҳо бодирингҳоро аз хӯнукӣ муҳофизат мекунад. Дар ин намуд меваҳоро метавон то 15 рӯз нигоҳ дошт. |
| **Печонидан бо плёнкаи тӯнук** |  | Ҳар як бодиринг  бо плёнкаи тунук (ғафсиаш на бештар аз 25 микрон) печонида, канорҳои онҳоро кушода мемонанд. Пас аз он, дар конвейери махсус, онҳоро ба ҳарорати баланд (200 ° С) дучор менамоянд, зери ҳарорати баланд дар сабзавот ғилофи муҳофизатии сахт пайдо мешавад. Бо ин усул бодирингҳои дарозмеваро дар ҳарорати 10-15 ° С то 30 рӯз нигоҳ доштан мумкин аст. |
| ***Дар халтаи пластикӣ*** |  | Нигоҳдории бодирингро истифодаи плёнкаи пластикӣ, ки ғафсии он тақрибан 30 микрон аст, хеле осон мекунад. Гузоштани сабзавот дар куттиҳои аз дохил бо полиэтилен печонидашуда, ки ҳар кадомаш тақрибан даҳ кило маҳсулот доранд, талафоти нами хело кам мегардад. |

| | | |
|---|---|---|
| **Дар қуттиҳои қоғазӣ ва ё кутиҳои чӯбин** |  | Бо ин усул меваҳоро тару тоза 2-3 рӯз нигоҳ доштан мумкин аст. Бодирингро диққаткорона ба қуттии картонӣ, пластикӣ ва ё чӯбин мегузоранд. Ҳарорат бояд дар иншооти нигоҳдорӣ дар ҳудуди +10...+15°С, намнокии ҳаво қариб 90-95% бошад. Агар ҳарорат то +6...+8°С паст фаровaрда шавад, метавон бодирингро то 10 рӯз тару тоза нигоҳ дошт. |
| **Дар об** |  | Бодирингро тару тоза дар об то 3-4 ҳафта нигоҳ доштан мумкин аст. Барои ин ба зарф оби хӯнук (1-2 см) мерезанд, ба он бодирингҳоро думча ба зер мегӯзоранд. Дар як шабонарӯз як маротиба обро иваз кардан мебояд. Бо ин мақсад беҳтар аст, ки бодирингҳои бо пӯсти ғафси сабзи баланддошта интихоб карда шаванд. |
| **Дар матоъи тар** |  | Бодирингро дар матоъи тар печонед, дар иншооти хунук (+6... +7°С) нигоҳ доред, мувофиқи имконияти матоъро тар кунед. Бо ин усул метавон бодирингро то як ҳафта тару тоза нигоҳ дошт. |

**Дар сафедаи тухм.** Меваҳоро бо оби гарм шуед, хушк намоед ва сафедаи тухмро ба он молед. Вақте ки сафеда хушк мешавад, болои мева бо плёнкаи тунук пӯшонида мешавад. Баъдан меваҳоро дар қуттӣ гӯзоред ва дар ҷои торики хӯнук нигоҳ доред. Агар қуттӣ набошад, пас метавон дар думчаи мева риштаро баста дар иншооти торики хӯнук овезон кард. Пардаи сафедагӣ ба бодирингҳо имконият медиҳад, ки нафас гиранд, вале имконият намедиҳад, ки намиро аз худ дур намоянд – пажмурда намешаванд. **Дар намуди тару тоза 30 – 40 рӯз боқи мемонанд.**

**Дар пардаи мумӣ.** Бодирингҳоро бо латтаи тоза хушк намоед, бо шамъи мумӣ коркад намоед. Мум меваҳоро аз хӯнуки муҳофизат намуда, намнокиро дар мева нигоҳ медорад. Меваҳои бо мум коркардашударо **то 35 рӯз нигоҳ** доштан мумкин аст.

**Дар банкаи бе ҳаво.** Бодирингҳоро хушк кунед ва ¾ ҳиссаи банкаи тозаи 3 литриро бо онҳо пур кунед. Аз боло пораи шамъи парафиниро гӯзоред ва онро дар гиронед. Баъдан шамъро хомуш накарда, болои банкаро бо болопӯши металӣ маҳкам кунед. Шамъ то он вақте, ки дар банка ҳаво ҳаст, фӯрузон мемонад, вақте ки ҳаво тамом шуд, хомӯш мешавад. Амалан фазои беҳаво ба вуҷуд меояд. Баъди ин метавон банкаро дар тагхона ё яхдон нигоҳ дошт. **Дар ин намуд бодирингро метавон то 120 рӯз нигоҳ дошт.**

**Дар дохили карам.** Ин усул барои шахсоне аст, ки қитъаи замин доранд. Дар қатори бодиринг каллакарам дар мӯҳлате шинонида мешавад, ки мӯҳлати мевабандии бодиринг ба мӯҳлати печонидани карам мувофиқат намояд. Вақте ки дар бодиринг мева пайдо мешавад, онро дохили баргҳои печондашавандаи карам мегӯзоранд. Бодиринг дар дохили каллакарам якҷоя бо он калон мешавад. Карамҳои расидаро якҷоя бо бодиринг дар тагхона нигоҳ медоранд. Дар дохили каллаи карам бодирингҳо ҳамон хел тару тоза мемонанд, мисле, ки дар қатор ҳастанд. **Дар ин намуд бодирингро то 150 рӯз нигоҳ доштан мумкин аст.**

**Дар кӯзаи сафолини сиркодор.** Дар қаҳри кӯзаи гилин чорчубаи чубинро гӯзошта, ба кӯза каме сирко мерезанд ва дар болои чорчуба бодирингҳоро мегӯзоранд. Баъдан болои кӯзаро нағз пӯшонида, онро дар тагхона нигоҳ медоранд. **Мӯҳлати нигоҳдорӣ – то 250 рӯз.**

**Дар халтаи селофанӣ:** Бодирингҳоро дар халати полиэтиленӣ ҷой дода, болои онҳоро бо докаи тар мепӯшонанд. Қисмати болои халтаро кӯшода мемонанд. Меваҳои бо ин тарз то 10 рӯз тару тоза боқӣ мемонанд.

**Бастабандӣ**








**Интиқол бодиринг**

Интиқоли бодиринг мушкил аст. Сифати нигоҳдории бодиринг паст аст. Сабаби ин зиёд будани об дар мева (тақрибан 95%), сатҳи баланди гардиши моддаҳо, сатҳи баланди нафаскашӣ ва аз даст додани намӣ, зиёд будани ҳассосият ба микроорганизмҳои фитопатогенӣ мебошад. Нигоҳ доштани ҳарорат ва намии доимии ҳаво дар дараҷаи муқарарӣ шарти зарурии дар муддати муайян нигоҳ доштани сифати бодиринг мебошад. Шароити интиқол тағирёбии ногаҳонии якчандкаратаи параметрҳои ҳарорат ва намиро пешбинӣ мекунад. Дар натиҷа, дар марҳилаҳои интиқол ба истеъмолкунанда (10, 14 рӯз) бодиринг 9 - 17% вазни худро гум мекунад. Хусусиятҳои навъӣ (сохтори пӯст), дараҷаи камолот ва омилҳои дигар ба кам шудани вазни мева таъсири назаррас мерасонанд.

Барои ташкил кардани шароити мувофиқ барои интиқоли бодиринг, шумо бояд дақиқ донед, ки чӣ гуна сабзавот парвариш карда шудааст: дар майдони кушод ё дар гармхона. Бодирингҳои майдони кушод дар ҳарорати аз + 7 ° C то + 10 ° C интиқол дода мешаванд. Бодиринги гармхонагӣ дар ҳарорати аз + 10 ° C то + 14 ° C интиқол дода мешавад. Бодирингро, ки дар хориҷа ҷамъоварӣ карда мешавад, аксар вақт бояд дар ҳарорати аз + 10 ° C то + 13 ° C интиқол диҳанд, аммо на камтар аз + 7 ° C. Сатҳи муътадили намиро нигоҳ доштан лозим аст.

Барои нигоҳ доштани шароити зарурӣ, таҷҳизоти яхдон ва фургонҳои изотермӣ истифода мешаванд. Ҳангоми интиқол принсипи наздикии мол риоя карда мешавад. Интиқоли бодиринг бо помидор ва баъзе меваҳо, ба монанди банан, себ, меваҳои пухта, ки этилен хориҷ мекунанд, мумкин нест.

## Талаботҳои стандарти барои содироти бодиринг

### Талаботҳои стандарти ГОСТ Р 54752-2011 (ЕЭК ООН FFV-15:2010), барои бодиринг

Хусусиятҳои органолептикӣ ва физикии бодиринг бояд ба стандартҳои дар ҷадвали 1 нишон додашуда мувофиқат кунанд.

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Хусусият ва меъёр барои навъҳои молӣ | | |
|---|---|---|---|
| | олӣ | якум | дуюм |
| Намуди зоҳирӣ | Меваҳо пурра, солим, тоза, тару тоза, бе зарари механикӣ, бе намии зиёд дар сатҳи берунӣ, | | |
| | шакл ва ранги хоси ботаникӣ, шакли муқаррарӣ ва амалан рост (баландии камони дарунӣ 10 мм ба 10 см дарозии бодиринг). | | Ба нуқсонҳои шакл иҷозат дода мешавад, ба истисноии нуқсонҳое, ки дар натиҷаи рушди аз ҳад зиёди тухмҳо ба вуҷуд омадаанд, бодирингҳои каҷ нуқсонҳои пӯст ки ба сифат, нигоҳдорӣ ва намуди молии маҳсулот таъсир намерасонанд |
| | Нуқсонҳои ночизи сатҳӣ иҷозат дода мешаванд, агар ба намуди зоҳирӣ, сифат, нигоҳдорӣ ванамуди молии маҳсулот таъсир нарасонанд | Норасоии кам дар шакл иҷозат дода мешавад, ба истисноии он, ки бо зиёд шудани андозаи тухмҳо алоқаманд аст, каме нуқсонҳои дар ранг ва пӯст, ки ба намуди умумӣ, сифат, нигоҳдорӣ таъсир мерасонанд | |
| Тарафи дохилӣ | Диллаи мустаҳкам, бо тухмҳои суст рушдёфтаи обдори бе пӯст, бидуни холигии дохилӣ | | |
| Ҳолати бодиринг | Қобилияти тобоварӣ ба интиқол, боркунӣ, борфарорӣ ва ба манзил расониданро дорад | | |
| Бӯй ва мазза | Ба навъи ин навъи ботаникӣ хос, бе бӯй ва (ё) маззаи бегона | | |
| Ҳисса вазни (шумораи) бодиринг,%, барои:<br>навъи якум | На бештар 5,0 | На бештар 5,0 90,0 | Муқарар намегардад |
| навъи дуюм | На бештар 5,0 0,5 | На бештар 5,0 10,0 | На камтар 90,0 |
| аз ҷумла нишонаҳои бад шудан | Иҷозат дода намешавад | На бештар 1,0*** | Иҷозат дода намешавад |
| ба талаботи синфи дуюм ҷавобгӯ нест | Иҷозат дода намешавад | Иҷозат дода намешавад | На бештар 10,0 |
| аз ҷумла онҳое, ки аломатҳои вайроншавӣ доранд | Иҷозат дода намешавад | Иҷозат дода намешавад | На бештар 2,0*** |
| Мавҷудияти ҳашароти зарарасон,% | Иҷозат дода намешавад | | |

| | |
|---|---|
| бодиринг, ки аз зараррасонҳо зарар дидааст ва ба бемориҳо гирифтор шудаанд,% | Иҷозат дода намешавад |
| маводҳои бегона (*замин ва г.*), % | Иҷозат дода намешавад |
| бодирингҳои пӯсида, пажмурдашуда, зард, ,% | Иҷозат дода намешавад |
| * Ранги равшани қисми бодиринг, ки бо расидан ба замин алоқаманд аст, иҷозат дода мешавад.<br>** Бодирингҳои каҷ, ки баландии камони дарунии 20 мм ба 10 см дарозии бодиринг дорад, ба шарте иҷозат дода мешаванд, ки агар онҳо камбудиҳои ночизи ранг дошта бошанд ва аз нуқсонҳо ғайр аз каҷӣ холӣ бошанд. | |

**Андозабандӣ**

- Андозабандӣ барои бодирингҳои синфи олӣ ва якум ҳатмист
- Андозабандии бодиринг аз рӯи вазн ё диаметр ва дарозии бодиринг гузаронида мешавад.

*Талабот барои андозабандии бодиринг:*

| **Номгӯи нишондиҳандаҳо** | **Адади нишондиҳанда** |
|---|---|
| Фарқи вазни бодиринг, г, ҳангоми вазни мева:<br>то 180,0<br>аз 180,0 то 400,0<br>Бештар аз 400,0 | <br>Муқарар намегардад*<br>На бештар 100,0<br>На бештар 150,0 |
| Фарқи байни бодиринги кӯтоҳтарин ва дарозтарин, см, на бештар ** | 5,0 |
| Ҳиссаи вазни (шумораи) бодиринг, ки ба талаботи андозабандӣ ҷавобгӯ нестанд,%, на бештар *** | 10,0 |
| *Бодиринг бояд тақрибан ҳамон як андоза бошад.<br>** Бодиринг бояд тақрибан ҳамон диаметр бошад.<br>*** Танҳо бодирингҳое, ки аз рӯи андоза ё вазн аз меъёри додашуда на бештар аз 10% зиёданд. | |

**Борпеч**

- Бодиринг дар қуттиҳои аз чӯбӣ ва маводи полимерӣ сохташуда, поддонҳои қуттии махсус ва зарфҳои дигар, ки аз дигар маводҳо сохта шудаанду сифат ва бехатарии бодирингро таъмин мекунанд, бастабандӣ карда мешаванд. Бодирингҳоро дар зарф то баробар шудан ба канорҳои зарф ҷой медиҳанд.
- Зарфҳои барои бастабандии бодиринг истифодашуда ва маводҳои дар дохили зарф ҷойгиршуда, аз ҷумла коғаз, инчунин сиёҳӣ, ранг, шireше, ки барои гузоштани матн ё тамғакоғазҳо истифода мешаванд, бояд тоза, заҳролуд ношуда бошанд ва бояд нигоҳдории сифат ва бехатариро ҳангоми тамос бо мева таъмин карда тавонанд.
- Нишонаҳое, ки ба бодиринг мустақиман часпонида мешаванд, бояд тавре бошанд, ки дар ҳолати канда гирифтани онҳо осори ширеш ва осеб дар сатҳи мева намонад.
- Маҳсулоти дохили ҳар як баста бояд якхела бошад ва бояд аз бодирингҳои ҳамон навъҳои ботаникӣ ва тиҷоратӣ, пайдоиш ва андозаи якхеладошта (агар андозбандӣ шуда бошад) иборат бошанд. Маҳсулоти қисми намоёни баста, бояд ба маҳсулотҳои тамоми баста мувофиқат кунад.
- Бодирингҳои каҷ бо баландии камонаки дарунашон 20 мм барои ҳар як 10 см дарозии бодиринг, дорои нуқсонҳои каме дар ранг, бидуни дигар нуқсонҳо ғайр аз каҷӣ, алоҳида басту банд мегарданд.
- Вазни холиси бодиринг дар воҳиди бастабандии истеъмолӣ бояд ба ҳадди аксари дар нишона нишондодашуда мувофиқат кунад.

**Тамғагӯзорӣ**

- Маълумот дар бораи маҳсулот дар зарфҳои истеъмолӣ ва интиқолӣ бо рангҳои шустана-шаванда, бебӯй, безаҳр навишта мешавад.
- Матни иттилоот барои кишвари Руссия бо забони русӣ татбиқ карда мешавад.
- Тамға дар зарфҳои истеъмолӣ бояд чунин маълумотҳоро дошта бошад:
  - ✓ номи маҳсулот;
  - ✓ ном ва маҳалли ҷойгиршавии истеҳсолкунанда [суроғаи ҳуқуқӣ] ва ташкилоте, ки аз ҷониби истеҳсолкунанда барои қабули талабот ваколатдор карда шудааст;
  - ✓ тамғаи молии истеҳсолкунанда (агар бошад);
  - ✓ вазни холис;
  - ✓ навъҳои ботаникӣ;
  - ✓ навъи молӣ;
  - ✓ андоза (барои бодиринги дараҷаи олӣ ва якум), ки бо вазни ҳадди аксар ва аққал ифода ёфтааст;
  - ✓ шумораи бодиринг (ихтиёрӣ);
  - ✓ санаи ҷамъоварӣ ва санаи бастабандӣ;
  - ✓ "дар гармхонаҳо парвариш кардашуда" (барои маҳсулоти дар гармхонаҳо парваришёфта);
  - ✓ шароити нигоҳдорӣ;
  - ✓ нишонаҳои ин стандарт;
  - ✓ маълумот дар бораи тасдиқи мутобиқат
- Аломат дар зарфи интиқолӣ бо нишондоди аломатҳои муомила: "Борҳои зуд вайроншаванда", "Маҳдудияти ҳарорат"

**Интиқол**

Бодирингҳои бастабандишуда тавассути ҳама воситаҳои нақлиёти тоза, хушк ва бебӯй, ки бо зараррасонҳо сироят нашудаанд, тибқи қоидаҳои ҳамлу нақли борҳои зудвайроншаванда барои намудҳои мушаххаси нақлиёт, интиқол дода мешаванд. Ҳангоми интиқол додани бодиринг дар вагонҳои яхдондор ва мошинҳои яхдондор, ҳарорат бояд аз 6 ° C то 9 ° C бошад.

**Нигоҳдорӣ**

Бодиринг дар анборҳои яхдондор ё камераҳои яхдондори тозаву хушк, бидуни зараррасон, бе бӯи бегона нигоҳ дошта мешавад. Бодирингҳое, ки дар гармхонаҳо парвариш карда шудаанд, дар ҳарорати аз 10 ° C то 14 ° C, бодирингҳое, ки дар замини кушод парваришшудаанд - дар ҳарорат аз 7 ° C то 10 ° C ва намии нисбии ҳаво аз 85% то 90% захира карда мешавад. Мӯҳлати нигоҳдории бодирингро истеҳсолкунанда муқаррар мекунад.

## Хусусиятҳои барасмиятдарории гӯмрукии бодиринг

Ҳама маҳсулот, аз ҷумла бодиринг, марҳилаҳои стандартии барасмиятдарории гумрукиро мегузаранд, аммо бо баъзе тағирот ва иловаҳо. Марҳилаи ҳатмии барасмиятдарории гумрукӣ: пешниҳоди эъломия дар шакли электронӣ ё коғазӣ. Бо пешниҳоди эъломия ва бастаи ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ декларант ташаббуси барасмиятдарории гумрукии маҳсулотро ҳатто пеш аз расидани бор ба постгоҳи гумрукӣ пешниҳод менамояд. Муомилоти электронӣ ба шумо имкон медиҳад, ки вақти барасмиятдарории гумрукӣ ҳангоми ба анбори нигаҳдории муваққатӣ расонидани мол кам карда шавад.

Илова бар пешниҳоди эъломия ва дигар ҳуҷҷатҳо, декларант бояд:

• борҳоро мувофиқи номенклатураи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тасниф кунад;

• арзиши гумрукиро ҳисоб кунад;

• маблағи пардохтҳои гумрукӣ, аз ҷумла маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашударо ҳисоб карда, пардохт намояд.

Ғайр аз он, корманди гумрук дурустии амалҳои декларант ва мутобиқати ҳуҷҷатҳоро месанҷад, назорати гумрукиро анҷом медиҳад ва декларатсия медиҳад.

Назорати фитосанитарӣ марҳилаи муҳим дар барасмиятдарории гумрукии бодиринг мебошад. Мувофиқати бор ба талаботи фитосанитарӣ бо сертификати фитосанитарӣ, ки дар мамлакати истеҳсолшуда дода шудааст, тасдиқ карда мешавад. Аммо агар ин ҳуҷҷатҳо ба бастаи ҳуҷҷатҳо замима карда шаванд, ин маънои онро надорад, ки кормандони гумрук ҳуқуқи бори дигар санҷидани борро надоранд.

Ҳамин тариқ, декларант ба хадамоти гумрук бастаи ҳуҷҷатҳоро пешниҳод мекунад, ки он:

• *шартномаи савдои хориҷӣ;*
• *эъломия;*
• *ҳисобнома ё фактура;*
• *шаҳодатномаи фитосанитарӣ;*
• *борхат;*
• *рӯйхати бастабандӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ;*
• *тавсиф ва номгӯи молҳо;*
• *эъломияи мутобиқат, шаҳодатномаи миллии сифат.*

Шояд дигар ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб карда шаванд, ки метавонанд дар ҳар як нуқтаи мушаххаси гумрукӣ дархост карда шаванд, зеро талабот дар ҳама ҷо гуногун аст. Масалан, шаҳодатномаи пайдоиш, ки ба имтиёзҳо барои пардохтҳои гумрукӣ ҳуқуқ медиҳад, бо дархости декларант пешниҳод карда мешавад. Бо пешниҳоди шаҳодатномаи пайдоиш, декларант молро бидуни пардохти боҷи воридот ворид мекунад, танҳо ААИ пардохт карда мешавад. Имтиёзҳо ба кишварҳои ИДМ ва Сербия дахл доранд.

Боҷи воридотӣ ҳамчун фоизи арзиши гумрукӣ ҳисоб карда мешавад. Меъёри боҷи воридотӣ мувофиқи номенклатураи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муайян карда мешавад. Бодиринг ба рамзи 070700 тааллуқ дорад ва рамзи пурра аз мавсим вобаста аст:

| **Код ТН ВЭД** | **Давра** | **Меъёри боҷ, %** |
|---|---|---|
| 0707 00 050 1 | аз 1 январ то охири феврал | 10% , вале на камтар 0,053 евро/кг |
| 0707 00 050 2 | аз 1 март то 30 апрел | 15% , вале на камтар 0,08 евро/кг |
| 0707 00 050 3 | аз 1 май то 15 май | 15% , вале на камтар 0,08 евро/кг |
| 0707 00 050 4 | аз 16 май то 30 сентябр | 15% , вале на камтар 0,08 евро/кг |
| 0707 00 050 5 | аз 1 октябр то 31 октябр | 15% , вале на камтар 0,08 евро/кг |
| 0707 00 050 6 | аз 1 ноябр то 10 ноябр | 10% , вале на камтар 0,053 евро/кг |
| 0707 00 050 9 | аз 11 ноябр то 31 декабр | 10% , вале на камтар 0,053 евро/кг |